# Хулосаи

**комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013-и назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан дар мавзуи "Такомули механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология ва амалия)", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

1. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан таҳти унвони "Такомули механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология ва амалия)" муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ – назариявӣ, ташкилӣ – методии такомули механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дарбар гирифтааст. Таҳқиқоти илмӣ коркарди ҷанбаҳои назариявию амалии такомули механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо, асоснок намудани хусусиятҳои хоси онҳо дар шароити иқтисодиёти бозорӣ, таҳияи тадбирҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳоро фаро мегирад.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

Дар марҳилаи муосири ташаккулёбии низоми бозории иқтисодиёт асоси амалӣ намудани сиёсати давлатииислоҳот бевосита дар минтақаҳо гузаронида мешавад. Дар чунин шароит аҳамияти ташкил ва бонизом гузаронидани танзими макроиқтисодии ҷараёнҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии онҳо афзунтар мегардад. Механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо ҳамчун низоми усулҳои интегрионӣ зуҳур мекунад, ки ба воситаи онҳо давлат таъсироти худро ба иқтисодиёт амалӣ менамояд. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи муосири тараққиёти бозории мамлакат муайян намудани механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо масъалаи муҳим ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ки вобаста ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-013 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон,

таҳқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Натиҷаҳои асосие, ки навоварии илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд, инҳоанд:

- мазмуни назариявии мафҳуми "механизми танзими макроиқтисодӣ" ва доираи истифодаи он дақиқ карда шудааст. Асоснок карда шудааст, ки ин мафҳум ҳамчун маркази тамоми низоми идоракунии давлатӣ баромад мекунад, зеро низоми интегрирониии усулҳои танзимкунӣ ба давлат имкон медиҳад, ки самаранокии таъсиррасонии худро ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо баланд намояд, бо назардошти ҷараёни шиддатёбии ҷаҳонишавӣ ва махсусан гузариши мамлакат ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва тағйирёбии шароитҳое, ки бо иҷрои вазифаҳои сифатан нави минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии он алоқаманд мебошанд;
- муносибатҳои назариявӣ оид ба муайян намудани мафҳумҳои "идоракунӣ", "танзимкунӣ" ва доираҳои истифодабарии онҳо, инчунин, дараҷаи дахолати давлат ба фаъолияти бозории хоҷагии минтақавӣ ва субъектони он – ҳудудҳои маъмурӣ коркард шудааст. Асоснок гардидааст, ки истилоҳи "танзимкунӣ" дар ҳолатҳои тағйирёбандаи бозор ва муносибатҳои агентҳои бозорӣ бештар истифода шуда, мақсаднокии таъсиси механизми танзимкунии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳоро бо назардошти тақсимоти ҳудудӣ-маъмурӣ ва ташаккулёбии нишондодҳои оптималии макроиқтисодии онҳо, ки бо ҳалли муаммоҳои иҷтимоии тараққиёти минтақаҳо алоқаманд мебошад, муайян карда шудааст;
- дараҷаи дахолати давлат ба падидаҳои бамиёноянда ва ҷараёни ташаккулёбии низоми иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ муайян карда шудааст. Зарурати танзими ҷараёни тараққиёти минтақаҳо бо истифода аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва амалигардонии он тариқи ташаккулёбиву такомули механизми иқтисодӣ дар асоси истифодаи принсипҳои интихоботӣ ва хислати таъсири давлатӣ ба иқтисодиёти минтақавӣ ва субъектони хоҷагидории алоҳидаи он бо муайян намудани самти афзалиятноки тараққиёти минтақавӣ, ки ба баландшавии самаранокии фаъолияти онҳо дар миқёси мамлакат мусоидат менамояд, исбот гардидааст;
- хусусиятҳои раванди ташаккулёбии механизми танзими макроиқтисодии рушди минтақа ва истифодаи он дар марҳилаҳои давраи гузариш ба низоми иқтисодиёти бозорӣ муайян карда шудаанд. Зарурати асосноккунии илмии чор марҳила, ки хусусиятҳою нишондиҳандаҳои ба худ хос доранд, тарзи танзими макроиқтисодии хоҷагии минтақавӣ бо назардошти тамоюли муосир дар соҳаи иттилоотикунонӣ ва технологияҳои инноватсионӣ, стратегияҳою барномаҳои аниқ бо чораҳои амалӣ доир ба такомули фишангҳо ва вазифаҳои механизми танзими тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, истифодаи онҳо баҳри баландшавии сатҳи мақсаднокии механизм, робитаҳои

низомӣ-сохтории субъектони идоракунӣ дар ҷараёни қабулу амалигардонии қарорҳои идоракунӣ ва самараи синергетикӣ аз амалигардонии чораҳои таъсири давлатӣ муқаррар карда шудаанд;

• ҷараёни ташаккулёбии механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо аз мавқеи назарияи институтсионалӣ асоснок гардида, исбот карда шудааст, ки самаранокии танзими институтсионалӣ ҳангоми ба назар гирифтани хусусиятҳои табиӣ-иқлимию иқтисодии онҳо ва маҳдудияти ҳуқуқи мақомотҳои идоракунии минтақавӣ барои истифодаи захираҳои минтақаҳо, инчунин, дахолати давлат ба иқтисодиёт ба кор бурда мешавад, ки мувофиқи пояи меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ибтикори ҳокимияти минтақавӣ дар иҷрои барномаҳои қабулгардидаи дастгирии ҳудудҳои депрессионӣ ва нуқтаҳои аниқи аҳолинишин баландтар мегардад;

• мавқеи механизми бозорӣ дар танзими макроиқтисодии низоми иқтисодии минтақа муайян карда шудааст. Зарурати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагии минтақавӣ дар муҳити иқтисодии мамлакат бо назардошти хусусиятҳои табиию иқтисодӣ ва таърихии минтақаҳо ва сохтори давлат, инчунин, механизми бозорӣ, ки мавқеи марказиро дар низоми танзими макроиқтисодӣ, муносибати байни субъектони минтақавӣ ва баҳамтаъсиррасонии онҳо оид ба истеҳсолу ташаккули пешниҳоди молӣ ва эҳтиёҷоти пардохтпазир ишғол намуда, талаботи аслиро дар бозор бо истифодаи оптималии иқтидори табиӣ-захиравӣ ва ҳолати экологӣ, коҳиш додани таъсири манфии онҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва баландшавии сатҳу сифати зиндагӣ таъминкунанда исбот карда шудаанд;

• муқаррар карда шудааст, ки сатҳи тараққиёти иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (ММM) ба ҳар сари аҳолӣ аз сабаби ҷойгиршавии гуногуни минтақаҳо, сохтори иқтисодиёт ва тарзи зисти аҳолӣ дар минтақаҳо фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, барои баробаркунии пурраи онҳо шароиту имкониятҳои мавҷудаpo дар 15-20 соли наздик дуруст истифода бурдан зарур аст. Бинобар ҳамин, дар Барномаҳои дурнамои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо зарурати гузориши масъалаи коҳиш додани фарқият байни минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурӣ бо назардошти васеъшавии соҳаи фаъолияти соҳибкории дорои манфиатҳои дохилиминтақавию байниминтақавӣ, таъсиси шароитҳои афзалиятнок барои инкишофи бизнеси хурду миёнаи ва бозори дохилӣ нигаронидашуда, инчунин таъсиси шароити мусоид барои ҷалби инвеститсияҳо баҳри истифодаи пурраи захираҳои табиии минтақаҳо исбот карда шудааст;

• нақши бунёдии танзими таъсироти давлатӣ ба инфрасохтори хоҷагии минтақавӣ, ки ҳамчун сутунҷӯбаи асосии рушди устувори минтақаҳо ва воситаҳои таъмини зиндагии аҳолӣ баромад мекунад, муайян карда шудааст. Исбот гардидааст, ки дар шароити дигаргуншавии рушди низоми бозорӣ тағйироти асосӣ дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо аз омилҳои инфрасохторӣ вобастагӣ дорад, ки ба баландшавии самаранокии фаъолияти субъектони хоҷагии минтақавӣ ва шиддатёбии суръати тараққиёти иқтисодии онҳо таъсир расонида, мувофиқи принсипҳои бозориву экологӣ дар

истифодабарии самараноки захираҳои маҳдуди ҳаётӣ ва таъсири ҳадди ақал ба муҳити табиат ифода меёбад;

• ҷараёни коркарди сиёсати минтақавӣ ва маҷмӯи чораҳо оид ба амалигардонии он, бо истифода аз фишангҳои танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо дар чорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст, ки фаъолияти мақомотҳои идоракунии давлатӣ ва субъектони хоҷагии минтақавиро фаро мегирад. Зарурати дар сиёсати минтақавӣ ба инобат гирифтани омили истифодабарии захираҳои бойи табиӣ ва оқилона истифодабарии онҳо исбот карда шудааст, ки аҳамияти муҳимро дар ҷараёни таъминоти мутаносибӣ ва мувозинатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ доро буда, асоси амалигардонии дигаргуниҳои сохториро ташкил карда, ба талаботҳои экологии назарияи рушди устувори минтақаҳои мамлакат мутобиқат менамояд;

• зарурати коркарди барномаи мақсадноки тараққиёти вилояти Суғд дар чорчӯбаи Стратегияи миллии рушди мамлакат асоснок карда шудааст. Истифодаи мақсадноки муносибати маҷмӯавӣ дар таҳияи он бо назардошти биниши дурнамои мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодии тараққиёт, ҳалли онҳо ба воситаи амалигардонии ислоҳоти ҳаматарафа мутобиқи индикаторҳои байналмилалии "Ҳадафҳои рушди ҳазорсола", ташаккули низоми махсуси мониторинги доимии иҷрои чораҳои барномавӣ ва пешкаш намудани он ба сифати фишанги музокирот доир ба самтҳои стратегии рушд бо бизнес-ҷамъиятҳо, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва шарикони рушд исбот карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

• тавсифи назариявии мафҳумҳои "механизми танзими макроиқтисодӣ", "идоракунӣ", "танзимкунӣ" ва доираи истифодаи онҳо, зарурату аҳамияти дахолати давлат ба фаъолияти бозори хоҷагии минтақавӣ ва субъектони он – ҳудудҳои маъмурӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ муайян карда шудааст;

• хусусиятҳои дахолати давлат ба иқтисодиёти минтақавӣ, ки бо истифодабарии принсипҳои интихобӣ ва таъинот ба самтҳои афзалиятноки рушди минтақа вобаста аст, марҳилаҳои давраи гузариш ба низоми бозорӣ ва хусусиятҳои раванди ташаккулёбии механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо аз ҷиҳати назарияи институтсионалӣ асоснок карда шудааст;

• мавқеи механизми бозорӣ дар танзими макроиқтисодии низоми иқтисодии минтақа ва самаранокии фаъолияти хоҷагии минтақавӣ дар фазои иқтисодии мамлакат муайян намуда, нақши он дар муносибгардонии пешниҳоду талабот бо истифода аз иқтидори табиӣ-захиравии минтақавӣ ва коҳиш додани таъсири манфии онҳо ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ-экологӣ аниқ карда шудааст;

• мақсаднокии масъалагузорӣ оид ба коҳиш додани фарқият дар сатҳи тараққиёти иқтисодӣ байни минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурӣ дар асоси васеъшавии соҳаи фаъолияти соҳибкории аҳолӣ, муайян намудани самтҳои

афзалиятноки дастгирии давлатии тараққиёти бизнеси хурду миёна, таъсисдиҳии шароити мусоид барои ҷалби инвеститсияҳо бо мақсади истифодабарии пурраи захираҳои табиии ҳудудҳо асоснок карда шудааст;

• оид ба нақши бунёдии танзими ҷараёни таъсири давлат ба инфрасохтори хоҷагии минтақавӣ дар шароити гузаронидани маркази дигаргуниҳо ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақавӣ ва таъмини инкишофи босуръати минтақаҳо аз рӯи принсипҳои бозорӣ, экологии истифодабарии захираҳои ҳаётан муҳим ва коҳиш додани зарар ба муҳити табиат хулосабарорӣ карда шудааст;

• сиёсати минтақавӣ ҳамчун фишанги танзими макроиқтисодии ҷараёни истифодабарии захираҳои бойи табиӣ, таъминоти таносубӣ ва мувозинатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, амалигардонии дигаргуниҳои сохторӣ, ки ба талаботи экологии назарияи рушди устувори минтақаҳои мамлакат ҷавобгӯ мебошанд, исбот карда шудааст;

• зарурати коркарди барномаи дурнамои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд бо истифода аз тарзу усулҳои маҷмӯавӣ асоснок карда шудааст, ки биниши дарозмуддати мушкилоти тараққиёти минтақа ва ҳалли онҳоро дар асоси гузаронидани ислоҳоти ҳаматарафа, ташаккулёбии низоми мониторинги доимӣ аз болои иҷрои чораҳои барномаҳо дар самтҳои стратегии тараққиёти минтақаҳои мамлакат дарбар мегирад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ба такомули механизми танзими макроиқтисодии ҷараёни тараққиёти минтақаҳо, раванди беҳтаргардонии дараҷаи дахолати давлат ба иқтисодиёт ва болоравии самаранокии сиёсати идоракунии минтақавӣ ва ҳудудӣ мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар натиҷаҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ оварда шудааст.** Диссертатсия кори илмӣ-тадқиқотии мустақилонаи муаллиф мебошад. Аз тарафи унвонҷӯ муҳиммияти мавзуъ аз нуқтаи назарияи иқтисодиёти бозорӣ асоснок, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот муқаррар карда, дар асоси коркарди ҳолатҳои назариявию методологӣ зарурати ташаккули механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо исбот намуда, роҳҳои истифодабарии самараноки онҳоро дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ муайян ва коркардҳои илмӣ доир ба такомули фишангҳои таъсири давлат ба ҷараёнҳо ва падидаҳои иқтисодии минтақа, ки ба миён меоянд, дар амал татбиқ карда шудаанд. Қисматҳои асосӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия баён гардидаанд, дар конференсияҳо, симпозиумҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ маърӯза карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳамияти тадқиқоти илмӣ** дар инкишофи илмии иқтисодиёти минтақавӣ ва илова ба он, бо воситаи коркарди ҳолатҳои методологӣ оид ба зарурати дахолати давлат ба доираи иҷтимоию иқтисодӣ ва асоснок намудани раванди ташаккулёбии механизми танзими макроиқтисодии рушди минтақаҳо дар шароити пурзӯр гардидани тамоили ҷаҳонишавӣ, ба эътибор гирифтани

хусусиятҳои давраи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувори минтақаҳо ифода меёбад.

Аҳамияти амалӣ дар истифодабарии механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо аз ҷониби мақомотҳои ҳокимияти давлатии марказиву минтақавӣ ҳангоми таъсиси институтҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, татбиқи чораҳои таъсири давлатӣ ба иқтисодиёт, инчунин коркарди стратегияҳо ва барномаҳои мақсадноки тараққиёти минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии вилояти Суғд дарҷ мегардад.

Хулосаҳои назариявӣ, методологӣ ва як қатор пешниҳодҳои амалӣ дар ҷараёни танзими давлатии сиёсати макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳо ва ҳудудҳои маъмурии онҳо истифода шудаанд. (Маълумотномаи Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар бораи татбиқ, таҳти №2/1 аз 05.01.2022).

Баъзе хулосаҳои илмии диссертатсияро дар барномаҳои таълимии зерин истифода бурдан мумкин аст: “Иқтисодиёти минтақавӣ”, “Танзими давлатии иқтисодиёт”, “Идоракунии маъмурӣ”. (Маълумотномаи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар бораи татбиқ, таҳти №584 аз 31.12.2021).

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 21 мақолаи илмии нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Русия эътирофгардида дар ҳаҷми 15,5 ҷ.ч., дар 3 монографияи илмӣ дар ҳаҷми 42,6 ҷ.ч. ва 27 мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо ба табъ расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар диссертатсияи Ҳошимзода Ҳ.Ҳ. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳошимзода Ҳ.Ҳ., аз ҷумла дар корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопгардида маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Мутобиқи банди 61-и Низомномаи Шӯрои диссертатсионӣ, ҳамчунин бандҳои 67, 69 ва 74, 75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба ухда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан дар мавзуи “Такомули механизми танзими макроиқтисодии тараққиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология ва амалия)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 013-и назди Донишгоҳи

давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад;

- бо пешниҳоди комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин таъин карда шаванд:

**- Комилов Сироҷиддин Ҷалолиддинович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон;

**- Раҳматзода Рустам,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- Авезов Азизулло Ҳабибович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисод ва идоракунии Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.

2. Ба ҳайси муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

3. Барои нашри эълон ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ — **Ризоқулов Т.Р.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ — **Исмоилова М.М.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ — **Раҳимов А.М.**

Имзои Ризоқулов Т.Р., Исмоилова М.М. ва Раҳимов А.М. – ро тасдиқ менамоям.
Котиби Шӯрои диссертатсионӣ ____________ Самадова З.А.

Сана “ 19 “ ноября 2022 с.